*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062*
*назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе,*
*куч. М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешниҳод шудааст**

Рушди иқтисодиёти инноватисонӣ, дар шароити муосир, ҳамчун модели таъминкунандаи такрористеҳсоли соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, ба рақобатпазир мубаддал гардонидани иқтисодиёт ва икишофи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳо дониста шудааст, ки он бевосита аз ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Эътироф гардидани қобилият ва салоҳияти захираҳои инсонӣ, инчунин сармояи зеҳнии субъектони хоҷагидор, ба сифати омилҳои муҳимми рушди истеҳсолот, самаранокии баланди истеҳсолӣ, ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба ҳадафҳои олии рушди инноватсионии мамлакат, зарурияти таҳқиқоти масъалаҳои ташкилу ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсониро дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Аз мухтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки Садиқова Ш.К. бо усулҳои хоси илмию таҳқиқотӣ мавзуи рисолаи диссертатсионии худро ба анҷом расонида, асосҳои назариявӣ, ҷанбаҳои методии инкишофи сармояи инсониро дар иқтисодиёти инноватисонӣ таҳқиқ намудааст. Дар таҳқиқот таҳаввулоти институтсионалии муҳити такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, тамоюлҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, тавассути равишҳои методӣ, ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот самтҳои асосии беҳтаргардонии муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсонӣ дар кишвар пешниҳод гардида, консепсияи рушди сармояи зеҳниро ҷиҳати ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии мамлакат таҳия намудааст.

Бо назардошти вазъи ба миён омада, дар асоси алоқамандии институтсионалии низоми маориф ва бозори меҳнат, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ пешниҳод шудаанд, ки барои таҳияи модели сохторӣ ва функсионалии ташаккули муҳити инноватсионии рушди сармояи инсонӣ муносиб ва қуллай мебошад (саҳ.19).

Хулоса ва ақидаҳои пешниҳод гардидаи муаллиф, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро оид ба мавзуи таҳқиқотшаванда ҷамъбаст намудааст.

Дар қатори нуктаҳои ҷолиби илмию амалӣ, дар автореферати диссертатсия чунин эродҳо мушоҳида мегарданд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 17-и автореферати диссертатсия динамикаи шумораи кормандонро дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар солҳои 2010-2022 таҳқиқ карда, таҳлил намудааст, ки шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) тақрибан 20% кам шудааст. Мутаасифона дар чунин натиҷагирии таҳлил далелҳои ҳисобӣ ва асоснок гардонии чунин вазъият шарҳ дода нашудааст.

2. Дар саҳифаи 21-и автореферати диссертатсия унсурҳои кластери илмию таълимӣ, ки гуё аз муассисаҳои эҷодкунандаи дониш иборатанд, тавсиф гардидааст. Аммо номгӯй ва мувофиқати онҳо ба муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ шарҳ дода нашудааст.

Дар маҷмӯъ эродҳои таъкидшуда арзиши мусбат ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунанд ва хусусияти шарҳ ва тафсилотдиҳӣ доранд. Вазифаҳои гузоштошуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, Садиқова Шукрона Карчаевнаро барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор медонем.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи ДДҲБСТ** **Бобоҷонов Д.Д.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДҲБСТ
имзои д.и.и., профессор Бобоҷонов Д.Д.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
Телефон: (+992) 92 773 46 46; (+992) 3422 2 35 94;
Факс: (83422) 2 51 70; E-mail: bobojonovd@rambler.ru